**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024) (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Бохтар, 2026. – 170 с.**

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна ба омӯзиши фаъолияти муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024) ва ҷанбаи таҳлилӣ – таърихии он бахшида шудааст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна зери унвони «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024) (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)» аз ҷиҳати мазмун пурра ба шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқат намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 6.1.1 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) аҳаммияти илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявӣ дорад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мухиммияти диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар он таҷассум меёбад, ки то ҳол таҳқиқоти илмии мустақил ва фарогир оид ба «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024) (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)» анҷом наёфтааст. Бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми таърихи ватанӣ ба маврид дониста мешавад.

Диссертант дар асоси таҳлили мукаммал нақши муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)-ро шарҳ додааст.

Шиносоӣ аз рисола аз он шаҳодат медиҳад, ки унвонҷӯ дар таълифи рисола манобеи васеъи таърихӣ ва адабиёти илмиро бо маҳорати баланди таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода бурдааст. Инчунин аз тарафи унвонҷӯ таҳқиқотҳои саҳроӣ ва пурсишҳои сотсиологӣ ба сомон расонида шудаанд, ки аҳаммияти илмии рисоларо ғанӣ гардонидаанд.

Вазаифаи таҳқиқот амиқ муайян гардида барои ба мақсади ниҳоӣ расидани пажуҳиш кӯмаки амалӣ ва назариявӣ расонидаанд.

Объект, предмет ва хронологияи таҳқиқот амиқ ва асоснок муайян гардидаанд. Дар сарсухани рисола сатҳи омӯзиши масъала ва таҳлили

сарчашмаҳои истифодашуда аз нуктаи назари илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносӣ арзёбӣ гардидаанд.

**Дараҷаи навгониҳои рисолаи илмии унвонҷӯ** Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар он зоҳир меёбад, ки дар шакли як рисолаи мукаммали илмӣ марбут ба муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал сурат гирифта, дар он паҳлуҳои мухталифи ин раванд дар чаҳорчӯби илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки омилҳо ва сабабҳои пеш омадани ин раванд, танзими ҳуқуқӣ, коҳиш додани он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта** бо истифодаи васеи назарияҳои олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва такя ба манбаъҳои муътамад асоснок мегардад. Дараҷаи баланди эътимоднокӣ аз асоснокии маълумот, мутобиқати ҳаҷми маводи таҳқиқ, фарогирии сарчашмаҳои гуногун, таҳлили муқоисавӣ ва татбиқи методҳои муосири таҳқиқотӣ бармеояд. Дар асоси таҳлилу таҳқиқи саҳеҳ ва омӯзишу таҳлили илмии далелнок хулосаҳои мушаххас бароварда, дар бахши тавсияҳо, ки аз 6 банд иборат аст, имкони истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълиму тадрис ва таҳқиқоти минбаъда пешниҳод шудаанд.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқоти диссертатсионии** Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мавзуи рисола таҷассум меёбад. Арзиши илмии рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки он бори аввал аз ҷониби муҳаққиқ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст. Коркарди назариявӣ ва методологии таҳқиқот ба принсипҳои таҳлили таърихӣ асос ёфта, имконият медиҳад, ки хусусиятҳои хоси масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст арзёбӣ гардад. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд минбаъд, дар таҳқиқи соҳаи муҳоҷират дар шароити муосир, таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва фаъолияти амалии ниҳодҳои марбута мавриди истифода қарор гиранд.

**Ҳаҷм ва сохтори рисола.** Ҳаҷми умумии рисола аз сарсухан, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва 190 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст, ки бо истифода аз протсессори матнии Microsoft Word чоп карда шудааст 5 ҷадвал ва 6 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 315 номгӯй иборат аст.

**Хусусияти умумии кори диссертатсионӣ дар муқаддима** пешниҳод шуда, интихоб ва мубрамияти таҳқиқот, ҳадафҳо ва вазифаҳо, принсипҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳаммияти амалӣ, асосҳои методологӣ таҳлил шуда, манбаъҳои таҳқиқот ва адабиёт баррасӣ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занони тоҷик дар маҳзанҳои илмӣ (с. 1991-2010)»** ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Дар он масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ, мушкилоти меҳнатии хориҷии занони тоҷик ва хусусиятҳои омӯзиши мушкилоти мубрами масъалаҳои омӯзишӣ дар таърихшиносии Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

**Зербоби якуми** боби якум **«Ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занони кишвар»** ном дошта, дар он масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ ва амалии муҳоҷират баррасӣ мешаванд. Масъалаи баррасии ин мафҳуми тозаворидгардида аз ҷониби сиёсатшиносон ва демографҳои ватанӣ низ сурат гирифта, бархе баён менамоянд, ки «Муҳоҷирати аҳолӣ – ин муҳаррикии фардҳо ва гурӯҳҳои одамон аст, ки зимни он убури сарҳадоти маъмурӣ ё давлатӣ бо тағйир ё бе тағйири (муҳоҷирати ғайриқонунӣ) макони доимии сукунат сурат мегирад».

**Дар зербоби дуюми** боби якум **«Хусусиятҳои омӯзиши мушкилоти мубрами муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ дар таърихшиносии Тоҷикистон»** Дар баробари самтҳои дигари таҳқиқоти таърихнигории муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнатии занон низ аз ҷониби муарихони варзидаи ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирфтааст, ки аксаран ба замони шуравӣ марбут мебошад. Муаррихоне монанди Р.А. Абулҳаев, З.А. Дадабаев, Ф.С. Исломов, А.Ю. Николаев, М.Б. Бабаханов, Ф.М. Абдурашитов, Қ.Ҷ. Базаров, Н. Бозорова дар осори худ роҷеъ ба масъалаи мазкур ибрози андеша намудаанд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои омӯзиши мушкилоти мубрами муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занонро дар таърихшиносии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, аз он чунин бардошт шуд, ки ин раванд раванди ҷадид ва тоза маҳсуб ёфта, коршиносони соҳаро лозим аст, ки паҳлуҳои гуногуни онро вобаста ба шароити феълӣ ва тағйирпазирии авзои сиёсӣ ва иқтисодӣ чи дар дохил ва чи дар хориҷ аз кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол ба риштаи таҳқиқ бикашанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Хусусиятҳо ва тамоюлҳои камшавии муҳоҷирати кории хориҷии занон аз Тоҷикистон (с. 2011-2023)»** ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб оид ба масъалаҳои иқтисодию сиёсии муҳоҷирати меҳнатии берунаи занони тоҷик ва пасомадҳои манфию мусбии ин ҷараён дар доираи солҳои омӯзиш, таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

**Дар зербоби якуми** боби дуюм **«Ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон дар Тоҷикистон»** масъалаҳо оиди раванди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии занони муҳоҷири кишвар таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад. Дар қарни XX кишварҳои аз назари иқтисодӣ мутараққӣ ба як падидаи наву тоза пиршавии аҳолӣ мувоҷеҳ шуда истодаанд. Далоили ба ин падида мувоҷеҳ шудани ин кишварҳо мухталиф аст ва донишмандони соҳа барои мушаххас намудани авомили он даст ба кор шудаанд. Агар дар соли 1950 шумораи аҳолии синни 65 ва зиёда аз он дар ҷаҳон 205 млн нафарро ташкил медод, пас дар соли 2000 он аллакай 590 млн нафарро ташкил дод. То соли 2020 ин шумора ба зиёда аз 1 млрд 700 млн нафарро расид. Натиҷаи таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки то соли 2050 ин шумора се маротиба зиёд мешавад. Дар муқаддимаи рисола дар бораи афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон муфассалтар таваққуф кардем. Дар миқёси ҷаҳонӣ суръати афзоиши шумораи аҳолии пиронсол солона 2,6%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз суръати афзоиши аҳолӣ дар маҷмуъ, ки дар як сол 1,1% арзёбӣ мешавад, хеле пеш аст.

Бадин тартиб дар фарҷоми зербоби мазкур ба чунин хулоса омаданд мумкин аст:

1. Хуб мешуд, ки аз ҳисоби занони муҳоҷири меҳнатӣ дар маҳали зист ба омӯзишгоҳу литсейҳои касбӣ-техникӣ ва ё курсҳои кӯтоҳмуддати ҳунаромӯзӣ ҷалб шаванд;

2. Курсҳои омӯзиши забони русиро, дар баробари муассисаҳои таълимӣ, дар ҷамоату маҳаллаҳое, ки занони муҳоҷири меҳнатӣ зиндагӣ мекунанд, ба роҳ бояд монд;

3. Ба занони муҳоҷири меҳнатӣ қоидаҳои будубош, талаботҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва тарзи бастани шартномаи меҳнатиро дар марказҳои шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо дуруст фаҳмонидан лозим аст.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм «Хусусиятҳо, оқибатҳои мусбат ва манфии муҳоҷирати меҳнатии занон аз Тоҷикистон дар охири асри XX-**

**аввали асри XXI»** масъалаҳои пешомадҳои мусбию манфии занони муҳоҷири тоҷикро мавриди таҳқиқот қарор мегирад.

Дар қисмҳои гузаштаи рисола роҷеъ ба паҳлуҳои гуногуни ин раванд ибрози андеша намуда, зимни таҳқиқот ва омӯзиш перомуни масъалаи мазкур ба гуфтаҳои донишмандони мухталиф рӯ оварда, аз андешаҳои ҷолиби онҳо барои тасдиқ ва таъйиди андешаҳои хеш иқтибосҳо низ овардем. Ковишҳои илмӣ нишон дод, ки ин мавзуъ ҷиддӣ ва мубрам буда, дар таърихнигории муосири Тоҷикистони соҳибистиқлол то андозае обнахӯрда мебошад. Ва он маҷроҳои мухталифро зимни ҷараёни гирифтани хеш касб намудааст, ки чанде аз онҳоро зимни омӯзишҳои ламс намуд бармало сохтем:

- ҳадафи кор дар кишвари дигар;

- ҷустуҷӯйи мустақили кор дар бозорҳои хориҷии меҳнат;

-интихоби огоҳонаи ширкатҳо барои амалӣ намудани иқтидори меҳнатии худ;

- ангезаҳои иқтисодии шуғл аз рӯйи ихтисос ва амсоли инҳо.

Ин чанд банде, ки инҷо зикр намудем, маромҳои асосӣ ва бармалои ин раванд буда, он мисли маҷрои баҳре мемонад, ки ҳар чи қадар ба он бештар ғутавар шавед, маҷрои поёнии он зудтару бештар ҷараён мегирад, манзурамон ин ҷараён тоза суръати бештар касб карда истода аст ва ба тамоми шууни зиндагии суннатии мо таъсиргузор мебошад.

Диссертант қайд мекунад, ки қисми зиёди занони муҳоҷир бо соҳибкорон аз тариқи миёнарав бе бастани шартномаи меҳнатӣ, надонистани ному насаби кордиҳандаи аслӣ, суроғаи ҳуқуқии корхона фаъолият мекунанд. Аз сабаби надоштани маълумоти дақиқ дар бораи муҳлати кор, ҳаҷми маош ва муҳлати пардохти он ба асорати корфармоён гирифтор мешаванд. Ҷаҳонишавии иқтисод, аз як сӯ ва адами инкишофи мусовии мамолик аз сӯйи дигар боиси он гардид, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаҳони муосир аҳаммияти бесобиқаи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ касб кунад.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Нақши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коҳиш додани муҳоҷирати занон»** ном дошта аз ду зербоб иборат аст. Дар ин боб масъалаҳои батартибдарории давлатӣ оиди кам намудани шумораи занони муҳоҷир, пешгирӣ намудани муҳоҷирати

занони кишвар ба хориҷа ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои занони тоҷик, мавриди таҳқиқот қарор мегирад.

**Дар зербоби якуми** боби сеюм **«Нақши санадҳои соҳавии муҳоҷирати кории хориҷии занон дар Тоҷикистон»** масъалаҳои дуруст ба роҳ мондани муҳоҷирати хориҷии занони кишвар таҳлил мегардад. Дар диссертатсия қайд карда мешавад, ки муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷониби Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда шуда, занони муҳоҷири тоҷик дар оянда метавонанд дар ҳама соҳа муваффақ гарданд. Бояд зикр намуд, ки дар Тоҷикистон ба соҳибкории занон диққати махсус дода мешавад. Боиси тазаккур аст, ки ҳимоя ва дастгирии занон дар мамлакат яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар робита ба ин, метавон ишора кард, ки муддати даҳ соли охир Ҳукумати Тоҷикистон ва ниҳодҳои масъули он дар заминаи коҳиш додани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст, ки мо натоиҷи онро дар коҳиш ёфтани теъдоди муҳоҷирон мебинем.

Ҳамин тавр, бовар аст, ки дарояндаи наздик муҳоҷирони тоҷик дар дигар давлатҳо на фақат ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ, балки ҳамчун устоди ҳамаи ҳунарҳо, муаррификунандаи маданияти баланди тоҷикон истиқбол мешаванд. Барои ин месазад, ки ҳар фарди дар муҳоҷират буда, дар баробари дарёфти маблағ ва ҷои зисти муваққатӣ, кӯшиш намояд, то маданияти баланди тоҷиконаашро ба оламиён шиносонад.

**Дар зербоби дуюми** боби сеюм **«Омилҳои таърихии коҳиш ёфтани муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон»** масъалаҳо оиди паст намудани ҷараёни муҳоҷирати хориҷии занон мавриди таҳқиқот қарор мегиранд. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки тадбирҳо ва ташаббусҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатии занон дар даҳ соли охир таваҷҷӯҳи коршиносон ва муҳаққиқонро ба вуҷуд овардаанд. Чорабиниҳои Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон инчунин дар якҷоягӣ ва дар ҳамкорӣ бо форуми тиҷоратии минтақавии ба занон имкон медиҳанд, ки ҷойи худро дар ҷомеа пайдо кунанд ва бо фарзандони худ бошанд, ки ба дастгирӣ, рушд ва пешбурди соҳибкорони зан нигаронида шудаанд. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон барои таҳқиқ ва таҳлили тавозуни гендерӣ таҳқиқот ва таҳлили махсус гузаронида шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муалииф бевосита дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд:

1. Хуб мешуд, ки дар рисола муаллиф бештар ба муҳаққиқони ватанӣ такя мекард. Зеро ки дар матни рисола унвонҷӯ аксаран ҳамин аз маводҳои олиионы хориҷӣ истифода намудааст;
2. Унвонҷӯ мебоист, ки дар сарсухани рисола бештар ибораи «муҳоҷирати занони тоҷик»-ро саҳҳеҳ арзёбӣ мекард. Зеро ки ба зери ин мафҳум проблемаҳои зиёд дохил мешаванд;
3. Варианти русии автореферати рисола камтарислоҳталаб мебошад;
4. Ба унвонҷӯ лозим буд, ки масъалаҳои муҳоҷирати занони тоҷикро бо дигар занони кишварҳои минтақа қиёси илмӣ намуда, умумият ва тафовутҳоро муайян менамуд;
5. Дар матни рисола нуқсонҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Диссертатсия аз лиҳози мубрамият, мазмун ва мундариҷа ва услуби илмӣ таҳия гардидааст. Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳо ва натиҷаҳои боэътимод аст. Авторферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Шарипова Таманно Ҷамшедовна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна бо доираи мавзуъ ва масъалаҳое тақиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.1.1 –

Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мушаххас шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи номзадии Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024) (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)» ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси**
**6D020300 – Таърих 6D020301- Таърихи ватанӣ,**
**мудири кафедраи таърих ва методикаи таълими**
**таърихи Муассисаи давлатии таълимии**
**“Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи А. Рӯдакӣ”** **Холмуродзода Мехрафруз Бурӣ**

Имзои **Холмуродзода М. Б**.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А.Рӯдакӣ Давлатов Миралӣ Абдусамадович

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ

**Суроғаи муассиса:** 735360, ш. Кӯлоб,
кӯчаи С.Сафаров 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи А. Рӯдакӣ
Тел: (+992 3322) 2-35-06
почтаи электронӣ: e-mail: info@kgu.tj,
«23» 06 соли 2026